Бо қарори мушовараи
Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 29.06.2017, №8/17
тасдиқ шудааст

**Низомнома**
**дар бораи гузаронидани аттестатсияи муассисаҳои**
**таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

## 1.Муқаррароти умумӣ

1.Низомномаи мазкур дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар барои Қоидаи гузаронидани аттестатсия ва иҷозатномадиҳии муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мақсад, самт, мундариҷа, ташкил ва тартиби гузаронидани аттестатсияи мактабҳои таҳсилоти умумӣ, гимназия, литсей, муассисаҳои махсуси таълиму тарбия, таълимгоҳҳои шахсӣ, ширкатӣ, мактабҳои ғайридавлатӣ, тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ, мактабҳои таълимии муштараки байналмилалӣ, мактабҳои хусусӣ (аз ҷумла мактабҳое, ки аз ҷониби шаҳрвандони хориҷӣ таъсис ёфтаанд), мактабҳои таълимии вазорату идораҳои қудратӣ, мактаб-экстернатҳо ва ғайраро (минбаъд дар матн аттестатсияи мактабҳо), ки дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгиранд, сарфи назар аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ, моликият ва мансубияти соҳавӣ муайян менамояд.

2.Аттестатсияи муассисаҳои таҳсилоти умумӣ яке аз намудҳои назорат буда, дар ҷараёни он бо роҳи баҳо додан ба сатҳи мувофиқати фаъолият ва самаранокии кори онҳо муайян карда мешавад.

3.Аттестатсияи муассисаҳои таҳсилоти умумӣ имконият медиҳад, ки фаъолияти муассисаи таълимӣ такомул ёбад, масъулиятнокии онҳо нисбат ба натиҷаҳои ниҳоии фаъолияташ (дараҷаи таҳсилоти умумии хатмкунандагон, ба давом додани таҳсил тайёр будани онҳо, дар шароити иқтисоди бозоргонӣ ба истеҳсолоти ҷамъиятӣ дохил шуда тавонистани хатмкардагон) баланд бардошта шавад.

4.Тартиби гузаронидани аттестатсияи муассисаҳои таълимӣ тибқи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Стандарти давлатии таҳсилот, Консепсияи миллии таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Консепсияи миллии тарбия, қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қоидаи гузаронидани аттестатсия ва иҷозатномадиҳии муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва Низомномаи мазкур ба амал баровардa мешавад.

5.Аттестатсияи муассисаҳои таҳсилоти умумӣ о (ба ғайр аз муассисаҳои давлатии таҳсилоти умумие, ки муассисашон мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ мебошанд) аз тарафи Хадамоти давлатии назорат дар соҳаи маориф (минбаъд хадамот) пулакӣ гузаронида мешавад.

6.Аттестатсияи муассисаҳои таҳсилоти умумие, ки муассисашон мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ мебошанд, аз тарафи раёсат ва шуъбаҳои маорифи вилоятӣ, шаҳрӣ ва ноҳиявӣ дар асоси қонунҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти ҳуҷҷатҳои расмӣ ва маводи илмию методии тавсиякардаи хадамот пулакӣ гузаронида мешавад.

7.Пардохти маблағи кори аттестатсионӣ аз тарафи муассисаи таълимии арзёбишаванда то оғози аттестатсия дар асоси харҷномаи хадамот, шуъбаҳо, бахшҳо ва қарордоди дутарафа (муассисаи таълимӣ ва раёсат ё шуъбаҳо ва бахшҳои Хадамоти давлатии назорат дар соҳаи маориф) ба амал баровардa мешавад.

8.Вазорату идора, ҳукуматҳои маҳаллӣ ва ташкилотҳое, ки дар ихтиёрашон муассисаҳои таълимӣ доранд, ҳангоми тарҳрезии буҷет ин масрафро дар асоси харҷномаи хадамот, раёсат ва шуъбаҳои маорифи вилоят ва шаҳру ноҳияҳо дар доираи маблағҳои пешбини-шаванда ба инобат мегиранд.

9.Тартиби муайян намудани нархнома ва пардохти хароҷоти аттестатсияро Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мувофиқа бо вазорати дахлдор муайян ва тасдиқ менамояд.

## 2.Ташкил ва гузаронидани аттестатсия

10.Аттестатсияи муассисаҳои таълимӣ дар асоси нақша давра ба давра дар давоми 5 сол як маротиба гузаронида мешавад. Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, раёсат ва шуъбаҳои маорифи вилоятӣ, шаҳрӣ, ноҳиявӣ нақшаи ҷадвали панҷсола ва яксолаи аттестатсияи муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумии ҷумҳуриро тасдиқ менамоянд. Нақшаи ҷадвали гузаронидани аттестатсияи муассисаҳои таълимии дар тобеияти Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон набударо хадамот бо вазоратҳою идораҳои дахлдор мувофиқа мекунад.

11.Нақшаи ҷадвали гузаронидани аттестатсия ба роҳбарони муассисаҳои таълимӣ шаш моҳ пеш аз саршавии аттестатсия пешнгиҳод карда мешавад. Комиссияи аттестатсионӣ дар муассисаи таълимӣ дар давоми то 10 (даҳ) рӯзи тақвимӣ холисона фаъолият менамояд.

12.Барои гузаронидани аттестатсияи муассисаҳои таълимие, ки ба зиммаи хадамот вогузор карда шудааст, ба ҳайати комиссия мутахассисони дастгоҳи худ ва Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, коркунони муассисаҳои илмӣ, муаллимону олимон, кормандони мақомоти органҳои таълимию тарбиявӣ, такмили ихтисос ва азнавтайёркунии кадрҳо, мутахассисони ташкилотҳои манфиатдор, намояндагони шуъба ва бахшҳои раёсату шуъбаҳои маориф, ҳокимияти иҷроия дохил мешаванд.

13.Ба ҳайати комиссияи аттестатсионии мактабҳое, ки муассисашон мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ мебошанд, мутахассисони дастгоҳи раёсат ва шуъбаҳои маорифи вилоятӣ, шаҳрӣ ва ноҳиявӣ, муаллимони пешқадам, ҳокимияти иҷроия ва дигар намояндагони муассисаҳое, ки дар маҳалҳо фаъолият мекунанд, дохил мешаванд.

14.Раиси комиссияи аттестатсионӣ дар асоси фармоиши сардори хадамот ба зиммаи сардор, муовини сардор, сардорони раёсат ва мудирони шуъба гузошта мешавад.

15.Раиси комиссияи аттестатсионии муассисаҳои таҳсилоти умумие, ки муассисашон мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ мебошанд, бо фармоиши сардори раёсат ва мудирони шуъбаҳои маорифи вилоятӣ, шаҳрӣ ва ноҳиявӣ ба зиммаи мудирони шуъбаҳо (бахшҳо)-и хадамот, муовини сардори раёсат ва шуъбаҳои маорифи вилоятӣ, шаҳрӣ ва ноҳиявӣ гузошта мешавад.

16.Ба ҳайати комиссияи аттестатсионӣ шахсоне, ки дар муассисаи таълимии аттестатсияшаванда фаъолият доранд, шомил шуда наметавонанд.

17.Раиси комиссияи аттестатсионӣ кори комиссияро ташкил карда, барои муътадил фаъолият намудани он шароити мусоид фароҳам меоварад, тамоми ҳуҷҷату маводи ба аттестатсия зарурбударо тайёр менамояд.

18.Муассис ва роҳбари муассисаи таълимии аттестатсияшаванда бо маълумотномаи комиссияи аттестатсионӣ, хулоса ва қарорҳои шӯрои хадамот, раёсату шуъбаҳои маорифи вилоятӣ, шаҳрӣ ва ноҳиявӣ шинос карда мешаванд.

19.Аттестатсияи нахустини муассисаҳои таълимии навтаъсиси асосӣ ва таҳсилоти миёнаи умумӣ мумкин аст давра ба давра, вобаста бо зинаҳои таҳсилот (умумии ибтидоӣ, умумии асосӣ, миёнаи умумӣ) гузаронида шаванд.

20.Дар рафти аттестатсия комиссияи аттестатсионӣ масъалаҳои зеринро мавриди санҷишу омӯзиш қарор медиҳад:

-татбиқи амалии қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармоишҳо ва нишондодҳои Президенти мамлакат, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, консепсияҳои миллии таҳсилот ва тарбия, Стандарти давлатии таҳсилот (аз рӯйи барномаҳои таълимӣ), ҳаҷми сарбории таълимии омӯзгорону мураббиён дар асоси нақшаю барномаҳои таълимӣ, ташхиси ҷадвали дарсҳо ва журналҳои синфӣ;

-вазъи назоратию идоракунии дохилимактабӣ;

-теъдоди хонандагон, сифати ташкил ва ҳолати ҷараёни таълиму тарбия, дараҷаи дониш, маҳорат ва малакаҳои хонандагон, таъмини методии раванди таълиму тарбия;

-ҳайати коркунони омӯзгорӣ, дараҷаи тайёрии касбии онҳо ва ташкили такмили ихтисосу аз аттестатсия гузаштани онҳо;

-вазъи пояи моддию техникӣ, молиявию хоҷагидории мактаб;

-корҳои ташкилию тарбиявии мактаб;

-рафти иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон»;

-дараҷаи ташкили корҳо оид ба касбинтихобкунии хонандагон;

-ташкили корҳои маишию истироҳатии хонандагон;

-ҳолати санитарию гигиении таълимгоҳ ва беҳдошти саломатии хонандагон.

21.Дар ҷараёни аттестатсия ба дараҷаи тайёрӣ, сатҳи таҳсилоти умумӣ ва малакаи хонандагон, камолоти иҷтимоии онҳо, тайёр будан барои давом додани таҳсил, гузаштан ба ҳаёти мустақилона ва ғайра баҳо дода мешавад.

22.Дар сурати ба амал омадани тағйироти зерин иҷозатнома аз ҷониби хадамот ва дигар раёсату шуъбаҳои маориф бозхонда мешавад:

-тағйир ёфтани ном, мақом ва дигар талаботи меъёрию назоратӣ;

-иваз шудани нишонии муассисаи таълимӣ, бино ё ба дигар минтақа кӯчидани он;

-агар тағйирёбии шароити ба амал баровардани раванди таълим боиси вайронкунии нишондиҳандаҳои дар замима сабтгашта гардад, он гоҳ таълимгоҳ (муассисон) дар ин бобат ба хадамот ва дигар раёсату шуъбаҳои марбута ҳуҷҷатҳои мувофиқро барои ташхиси иловагӣ пешниҳод мекунад;

-агар муассисаи таълимӣ иҷрои талабот ва меъёрҳои назоратӣ дар замимаи иҷозатнома нишондодашударо таъмин нанамояд ва ба вайрон кардани онҳо роҳ диҳад.

Муассисаи таълимӣ мувофиқи тартиботи маъмул барои аз нав аз аттестатсия гузаштан ба Хадамоти давлатии назорат дар соҳаи маориф муроҷиат менамояд.

23.Аттестатсияи муассисаҳои таълимӣ дар зери назорат ва роҳбарии методии хадамот гузаронида шуда, ба раёсату шуъбаҳои маорифи вилоятӣ, шаҳрӣ ва ноҳиявӣ ёрии методӣ мерасонад.

24.Ҳамзамон, хадамот ҳуқуқ дорад, ки:

-таҷрибаи мусбати муассисаи таълимиро дар байни дигар муассисаҳои таълимӣ паҳн кунад, аттестатсияи такрории баъзе муассисаҳои таълимии аз тарафи раёсату шуъбаҳои маорифи вилоятӣ, шаҳрӣ ва ноҳиявӣ аттестатсияшударо бо қарори худ, мувофиқи вазъияти ба амал омада, аз нав гузаронад.

-дастурҳои методӣ ва механизми татбиқ кардани онро муайян кунад;

-назоратро нисбат ба кори шуъба ва бахшҳои Хадамоти давлатии назорат дар соҳаи маорифи раёсат ва шуъбаҳои маорифи вилоятӣ, шаҳрӣ ва ноҳиявӣ оид ба ташкил ва гузаронидани аттестатсия ба амал барорад;

-ёрии методиро доир ба масъалаҳои ташкилӣ ва таҳия кардани маводи гуногуни санҷишӣ ба амал барорад, ки онҳо аз ҷониби комиссияи аттестатсионӣ дар рафти аттестатсияи муассисаҳои таълимӣ бояд истифода шаванд;

-натиҷаи аттестатсияҳои муассисаҳои таълимиро ҷамъбаст намояд;

-барои такмил додани соҳаи таҳсилоти умумӣ таклифҳои мушаххасро баъди аттестатсия ба Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намояд.

**3.Натиҷаи аттестатсия**

25.Комиссияи аттестатсионӣ оид ба самтҳои асосии фаъолияти муассисаи таълимии аттестатсияшаванда маълумотнома ва хулоса ва лоиҳаи қарор тайёр карда, онҳоро ба хадамот, комиссияи раёсат ва шуъбаҳои маориф бошанд, мутаносибан ба раёсат ва шуъбаҳои маорифи вилоятӣ, шаҳрӣ, ноҳиявӣ пешниҳод мекунанд.

Дар лоиҳаи қарор ба фаъолияти муассисаи таълимӣ тибқи талаботи қонунгузории амалкунанда баҳо дода мешавад.

26.Лоиҳаи қарор дар бораи аттестатсияи муассисаҳои таълимӣ ба муҳокимаи мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, мушовара ва ё шӯроҳои раёсат ва шуъбаҳои маорифи вилоятӣ, шаҳрӣ ва ноҳиявӣ пешниҳод карда мешавад.

27.Ба муассисаи таълимие, ки дар натиҷаи аттестатсия баҳои мусбат гирифтааст, барои пешбурди фаъолияти минбаъдаи таълимиаш ба муддати 5 (панҷ) сол иҷозатнома (бо замимааш) дода мешавад, ки намунаашро Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ кардааст.

28.Муассисаи таълимие, ки аз аттестатсия шартан гузаштааст, аз тарафи мақомоти бевосита ба он роҳбарикунанда сабабҳои миқдоран ва сифатан бо талабот мувофиқат накардани тайёрии умумӣ ва касбии таълимгирандагонро ҳаматарафа таҳлил намуда, якҷоя бо хадамот, раёсат ва шуъбаҳои маорифи вилоятӣ, шаҳрӣ ва ноҳиявӣ бахри бартараф кардани нуқсонҳои мавҷуда тадбирҳо андешида, онҳоро амалӣ мегардонад ва баъд аз ду (2) сол аттестатсияи такрории он гузаронида мешавад.

29.Муассисаҳои таълимие, ки таълимро аз рӯйи равияҳои гуногун ташкил кардаанд, ба ҳар як равияи он мувофиқи барномаи таълимиаш баҳо дода, хулоса

бароварда мешавад. Агар хулосаи комиссияи аттестатсионӣ нисбат ба яке аз равияҳои таълимии мактаб манфӣ бошад, ҳамон равия аз аттестатсия нагузашта ҳисобида мешавад ва фаъолияти он қатъ мегардад.

Агар муассисаи таълимӣ аз аттестатсия гузашта ҳисобида нашавад, пас Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мӯҳлати на зиёда аз 3 моҳ, вобаста ба хулосаи хадамот, қарори дахлдор қабул мекунад ва ё бо таври муқарраршуда ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таклиф пешниҳод менамояд.

30.Маълумоти ҷамъбастӣ ҷиҳати аз аттестатсия гузаштани муассисаҳои таълимӣ бо тартиби зайл дода мешавад:

-аз тарафи шуъбаҳои маорифи ноҳиявӣ ба раёсати маорифи вилоятӣ (шаҳрӣ);

-аз тарафи раёсатҳои маорифи вилоятӣ (шаҳрӣ) ва шуъбаҳои маорифи ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ба хадамот.

31.Нусхаи қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муддати 2 (ду) ҳафта, пас аз тасдиқ шуданаш ба муассисаи таълимӣ ва муассис ирсол карда мешавад.

32.Тамоми ҳуҷҷатҳо то аз аттестатсияи навбатӣ гузаштани муассисаи таълимӣ дар шуъбаи кадри хадамот, раёсат ва шуъбаҳои маорифи вилоятӣ, шаҳрӣ ва ноҳиявӣ нигоҳ дошта шуда, баъди аттестатсияи такрорӣ ба бойгонӣ супорида мешаванд.